# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ. –Бохтар, 2025. – 180 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат дорад. Нисбат ба мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи мазкур ҳеҷ шубҳае вуҷуд надорад. Зеро дар банди 6-уми шиносномаи ихтисоси мазкур омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ ва афзоиши нақши иттилоот дар ҷомеаи муосир пешбинӣ гардидаанд. Муаллиф дар диссертатсияи худ ҷанбаҳои назариявию методологии сатҳи омӯзиши ҷомеаи иттилоотиро таҳлилу баррасӣ кардааст. Омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро таҳқиқ намудааст. Баъдан ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсияи мазкур ба омӯзиши раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ бахшида шуда, дар он паҳлуҳои гуногуни ин масъала, инчунин ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Маълум аст, ки ҷомеаи иттилоотӣ ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсониро фаро мегирад ва бо дарназардошти чунин омил муаллиф низ ба омилҳои сиёсии ин масъала диққати бештар дода, рушди ҷомеаи иттилоотиро дар заминаи сиёсати иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонии давлат таҳқиқ намудааст. Муҳиммияти омӯзиши ин масъала дар он ифода меёбад, ки ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ барои ҳар як мамлакат, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зарур буда, рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ маҳз дар заминаи истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имконпазир мегардад. Бояд гуфт, ки ҳанӯз аз ибтидои солҳои 2000 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, бо ин мақсад як қатор қонунҳо, қарорҳои Ҳукумат ва Фармонҳои Президенти мамлакат ба имзо расидаанд. Инчунин дар самти иттилоотонии мамлакат низ як қатор барномаҳои давлатӣ ва консепсияҳои соҳавӣ низ қабул гардидаанд. Аз ҷумла, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи ташаккулдиҳии ҳукумати

электронӣ ба онҳо мисол шуда метавонанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилиҳо ва монеаҳо рӯ ба рӯ гардидааст. Гузашта аз ин, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ҷомеаи иттилоотии ташаккулёфта дар назди давлату ҳукумат як қатор масъалаҳои навбатиро пеш мегузоранд. Пеш аз ҳама, безараргардонии таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ, аз қабили кибертерроризм ва киберэкстремизм ба онҳо мисол шуда метавонанд. Дар чунин шароит омӯзиш ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ ва мавриди омӯзиш қарор додани монеаҳои рушду инкишофи он масъалаи муҳим ба шумор рафта, мавзӯи рӯзмарра мебошад. Дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ нишон додани зарурият ва муҳиммияти он барои дурнамои рушди мамлакат, инчунин ошкор сохтани мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта иқдоми муҳим ба шумор меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти мазкур бори аввал раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф бо истифода аз методҳои таҳлил ва таҷзия консепсияҳои классикӣ ва назарияҳои муосири ҷомеаи иттилоотиро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои муҳимми ин навъи ҷомеаро нишон додааст. Инчунин дар таҳқиқоти мазкур заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ низ нишон дода шудаанд. Муаллиф асоснок менамояд, ки дар чи гуна шароит ва дар зери таъсири кадом равандҳо ҷомеаи иттилоотӣ метавонад рушду инкишоф ёбад. Инчунин муаллиф нишон медиҳад, ки давлат ва сиёсати иттилоотонии давлат дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ чи гуна нақш мебозад. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ, раванди ташаккулёбии ҳукумати электронӣ ва заруriяту муҳиммияти онҳо низ нишон дода шудаанд. Саҳми арзандаи муаллиф дар омӯзиши ин масъала дар он ифода меёбад, ки ӯ дар заминаи таҳлили таҷрибаи давлатҳои дигар, инчунин дар заминаи омӯзиши шароити кишвар мушкилот ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотии мамлакатамонро баррасӣ намуда, вобаста ба ҳалли масъалаҳои мазкур хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Таҳқиқоти мазкур дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ анҷом дода шудааст. Аз ин рӯ, хулосаҳои муаллиф ва натиҷаҳои таҳқиқот илман асоснок гардидаанд. Инчунин дар раванди омӯзиши ин масъала муаллиф методҳои илмии мувофиқро истифода намудааст. Эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот бо методҳои истифоданамудаи муаллиф асоснок карда мешаванд. Ғайр аз ин, дар раванди таҳқиқот дар баробари шароити

Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи олам низ ба инобат гирифта шуда, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, дар маҷаллаҳои илмӣ нашр шудаанд. Диссертатсия ва нашрияҳои илмии муаллиф бо риояи қоидаҳои иқтибосоварӣ таҳия гардида, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда тибқи талабот нишон дода шудаанд. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро дарбар мегирад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявию методологии мавзӯъ баррасӣ гардида, дар он дар доираи ду зербоб ба таври умумӣ моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудааст. Дар боби мазкур муаллиф доираи васеи адабиёти илмиро таҳлил намуда, дар заминаи омӯзиши онҳо хусусиятҳои муҳими ҷомеаи иттилоотиро нишон додааст. Инчунин дар ин боб заминаҳои асосии рушди ин навъи ҷомеа муайян карда шудаанд.

Дар боби дуюм муаллиф омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро баррасӣ намуда, таҷрибаи давлатҳои гуногунро дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва умуман сиёсати иттилоотонии давлатҳои хориҷиро таҳлил намудааст. Дар ин замина нақши давлат дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудааст. Инчунин дар ин боб истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ, ташаккулдиҳии ҳукумати электронӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия бо дарназардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ташаккулёбии ин навъи ҷомеа дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат нишон дода шудааст. Дар доираи боби сеюм муаллиф ба масъалаҳои раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаббусҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати самаранок истифода намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мушкилот ва дурнамои рушди ҳукумати электронӣ ва ҷомеаи иттилоотии мамлакат таваҷҷуҳи зарурӣ додааст. Муаллиф дар охири ҳар як зербоб баррасиҳои худро хулосаронӣ намуда, дар аксар маврид тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** уаллиф дар раванди омӯзиши мавзуъ доираи васеи адабиёти илмиро мавриди таҳлил қарор дода, дар заминаи омӯзиши онҳо заминаҳои рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотиро нишон додааст. Инчунин дар диссертатсияи мазкур зарурияти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ ва дар соҳаҳои гуногуни мамлакат ба таври самаранок мавриди истифода қарор додани

технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро асоснок намудааст. Муаллиф бамаврид қайд менамояд, ки ҷомеаи иттилоотӣ марҳилаи навбатии рушду инкишофи ҷомеа ба шумор рафта, бо мақсади таъмини рушди устувор он ҳамчун идеал ҳаматарафа ташаккул дода мешавад. Рушди ҷомеаи иттилоотӣ бо рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ робитаи қавӣ дорад, аммо дар баробари ин рушди соҳаҳои илм, маориф, навоварии техникӣ, рушди иқтисодиёт, мундариҷаи саноати иттилоотӣ, фарҳанг ва махсусан сиёсати давлатӣ дар ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ унсури муҳимтарини инфрасохтори ҷомеа ба шумор меравандd, аз ин рӯ на танҳо пешрафти технологӣ, балки пешрафти иҷтимоӣ, рақобатпазирии иқтисодии мамлакат, мавқеи он дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, нақши давлат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, имконият ва қобилияти рушди ниҳодҳои демократӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ ва ғ. аз онҳо вобастагӣ пайдо намудаанд. Сиёсати иттилоотонии давлат метавонад то дараҷаи зарурӣ рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотиро таъмин намояд. Сиёсати иттилоотонӣ хусусияти сифатӣ дорад ва дигаргуниҳои сифатии ҷомеа аз миқёси истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Ҳарчанд заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду даҳсола пеш оғоз гардида бошад ҳам, дар шароити муосир, ки рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба мушоҳида мерасад, барои мамлакат ташаккул додани консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ хеле зарур мебошад. Нақш ва мавқеи мамлакат дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ, иқтидори рақобатпазирии мамлакат, рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа, рушди шахсият, сатҳу сифати зиндагӣ, рушди саноати иттилоотии мамлакат, рушди фарҳанг ва забони давлатӣ, таҳкими ягонагии иттилоотии мамлакат ва дар маҷмӯъ рушду инкишофи инфрасохтори иттилоотии мамлакат аз мавҷудияти консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ ва меъёрҳои мушаххаси он вобастагии зиёд доранд. Бодарназардошти гуфтаҳои боло, муаллиф барои хубтару беҳтар ба роҳ мондани ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ ва бартараф намудани монеаҳо ва мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта пешниҳодҳои илман асоснокшуда тавсия намудааст.

Таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва омӯзиши равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, дар он нисбат ба рушди ҷомеаи иттилоотии мамлакат хулосаҳои илман асоснокшуда баён гардидаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои омӯзиши минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва рушду инкишофи он заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар

асоси таҳлилу таҳқиқи консепсияҳои илмӣ зарурати ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудааст, ки он барои асоснок намудани дурустии стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати иттилоотонии мамлакат аҳамиятнок мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Дар баробари ин, хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода намудан мумкин аст. Муаллиф дар заминаи омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ пешниҳод менамояд, ки барои рушди муназзами ин навъи ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд Консепсияи рушди ҷомеаи иттилоотӣ қабул карда шавад ва дар заминаи он стратегияҳои дахлдор таҳия гарданд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият дароварда шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти мазкур норасоиҳо низ дида мешаванд, ки онҳоро ба таври зерин нишон медиҳем:

1.Дар диссертатсия санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналхалқӣ, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст ва ба масъалаҳои амнияти иттилоотӣ бахшида шудаанд, хеле кам ба назар мерасанд.

2.Ба он нигоҳ накарда, ки дар таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ дида мешавад, аммо мавқеи муаллиф вобаста ба истифодабарии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ номушаххас мебошад.

3.Хуб мебуд агар дар доираи як параграфи алоҳида нақш ва мавқеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар рушду инкишофи ҷомеа нишон дода мешуд.

Бояд зикр намуд, ки эродҳои мазкур ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Аз ин рӯ, ба муаллиф тавсия мегардад, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи худ онҳоро ба инобат гирифта, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳад.

Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир бахшида шуда, дар илмҳои сиёсии ватанӣ иқдоми хеле муҳим мебошад. Диссертатсияи мазкур кори мустақилона анҷомёфтае мебошад, ки сохтори он тибқи талаботи муқарраргардида таҳия шудааст. Дар раванди таҳқиқот миқдори зарурии адабиёти илмӣ истифода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи омӯхташаванда ва масъалаҳои баррасигардида робитаи бевосита доранд. Ғузашта аз ин, диссертатсия аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси интихобнамуда мувофиқат менамояд. Дар маҷмӯъ, адабиёти омӯхташуда, маводи истифодашуда, баррасиҳои муаллиф, хулосаҳои асосии диссертатсия, мазмуну мундариҷаи он, методҳои илмии истифодагардида бо ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мукаммал ва мустақилона анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои фалсафа, директори
Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Ҳайдарзода Р.Ҷ.

Имзои Ҳайдарзода Р.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири кадрҳои Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Зухуров А.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: 937308787
E-mail: rustam86@hotmail.com

10. 06. 2025